**СУРАТҶАЛАСАИ № 12**

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 19-уми апрели соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд 10 нафар.

РӮЗНОМА

2. Дар бораи иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи номзадии **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар мавзӯи **“Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси **13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ);** барои муайян кардани санаи баргузории ҳимояи диссертатсия, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

**ШУНИДА ШУД:**

Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М. дар бораи пешниҳод гардидани хулосаи комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи номзадии **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар мавзӯи **«Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А. баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар

мавзӯи **«Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба талаботи бандҳои 31-37-и “Меъёрҳои омодасозии диссертатсия”-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, комиссияи ташхиси назди Шуро онро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми “Экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ”-ии Низомномаи фавқуззикр ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Олимов Тағойбек Шодиевич** дар мавзӯи « **Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

**Мукarrизи расмии дуюм - Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич** - номзади илмҳои фалсафа, сардори Маркази иттилоот ва таҳлили раёсати МДТ-ии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**.

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 29-уми июни соли 2023, соати $11^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Н.А.